# ФАРМОИШИ

## ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***аз 14 апрели соли 2020 №1445 ш. Душанбе***

Дар бораи амалӣ намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 марти соли 2020, №4/21

Бо мақсади амалӣ намудани қарори мушоварaи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2020, №4/21 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2020-2021» мутобиқи банди 13-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Қарори мушоварaи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2020, №4/21 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2020-2021» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).

2.Ба ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад, ки қабули довталабонро барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ тибқи талаботи Қоидаҳои мазкур роҳандозӣ намоянд.

3.Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) риояи Қоидаҳои мазкурро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таъмин намояд.

4.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Д. Қодирзода гузошта шавад.

Асос: Қарори мушоварaи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2020, №4/21

Вазир М. Имомзода

Муовини вазир
Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот

**ҚАРОРИ МУШОВАРАИ**
**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

***аз 28 марти соли 2020 №4/21 ш. Душанбе***

Оид ба тасдиқи Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2020-2021

Мушова},аи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2020-2021-ро муҳокима намуда, Қ А Р О Р  М Е К У Н А Д:

1. Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2020-2021 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Ба ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ супорида шавад:

2.1.Ҳангоми қабули донишҷӯён баъди хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ талаботи бандҳои Қоидаи қабули мазкурро ба роҳбарӣ гиранд ва иҷро намоянд;

2.2.Оид ба таъсиси комиссияи қабули донишҷӯён ҷиҳати қабули донишҷӯён барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 5 майи соли 2020 ахбор пешниҳод намоянд;

2.3. Аз натиҷаи кори комиссияи қабул то 20 сентябри соли 2020 ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи муфассали таҳлилӣ манзур созанд.

3. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) риоя ва иҷрои Қоидаи қабули мазкурро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ зери назорати ҷиддӣ қарор диҳад.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазир Д. Қодирзода гузошта шавад.

Раиси мушовара,
вазир М. Имомзода

Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илм
аз 28 марти 2020, №4/21
тасдиқ шудааст

Қоидаҳои
қабули донишҷӯён ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли таҳсили 2020-2021

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

2.Бо мақсади қабули ҳуҷҷатҳои довталабон, ташкил ва гузаронидани суҳбат (озмун)-и қабул бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ комиссияи қабул таъсис дода мешавад. Раиси комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ректор мебошад. Дар вақти набудани раис ваколатҳои ӯ ба зиммаи муовини раис (муовини ректор оид ба таълим) гузошта мешавад.

3.Ректор (директор) аз ҳисоби омӯзгорони таҷрибадор, номзадҳо ва докторҳои илм котиби масъули комиссияи қабулро баъд аз мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин менамояд. Котиби масъули комиссияи қабул, ҷонишин ва котибони техникӣ аз ду сол зиёд пайиҳам таъин карда намешаванд. Ҷойивазкунӣ байни котиби масъул, ҷонишин ва котибони техникӣ манъ аст.

4.Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ танҳо бо доштани иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ ҳуқуқ дорад, ки қабули довталабонро аз рӯи равия ва ихтисосҳои дар замимаи иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ буда расман эълон намояд.

Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст, ки довталабонро бо иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ ва шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ шинос намояд.

5.Қабули донишҷӯён ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ танҳо аз рӯи равия ва самти ихтисосҳои амалкунанда, аз ҳисоби ҷойҳои холии буҷавӣ ва шартномавӣ дар доираи замимаи иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ амалӣ карда мешавад.

6.Комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд то қабули ҳуҷҷатҳои довталабон номгӯи саволномаҳои суҳбатро аз рӯи равия ва ихтисосҳо таҳия намуда, теъдоди қабули донишҷӯёнро тибқи нақшаи қабул аз рӯи равия ва ихтисосҳои амалкунанда аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ва шартномавӣ эълон намояд.

7.Шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро (давлатӣ ва ғайридавлатӣ) аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ё шартномавӣ бо «Дипломи

аъло» хатм намудаанд, дар сурати мувофиқати самти ихтисос ба курси 2-юми шуъбаҳои рӯзона ва ё ғоибона (фосилавӣ)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бе суҳбат қабул карда мешаванд.

8.Шахсоне, ки гурӯҳҳои буҷавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро бо дипломи муқаррарӣ хатм намудаанд, пас аз 3 соли хатм ва фаъолияти корӣ дар истеҳсолот дар сурати мувофиқати равия ва самти ихтисос бо назардошти мавҷудияти фарқият дар ҳаҷми то 30 кредит ба курси 2-юми шуъбаҳои рӯзона ва ё ғоибонаи (фосилавӣ)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (ба ҷойҳои холии буҷавӣ ва шартномавӣ) тариқи суҳбат қабул карда мешаванд.

9.Шахсоне, ки гурӯҳҳои буҷавии шуъбаи ғоибонаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро бо дипломи муқаррарӣ хатм ва собиқаи кории на камтар аз 3-сола дар истеҳсолот доранд, дар асоси ҳуҷҷати тасдиққунанда (диплом (асл) нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ, хислатнома аз ҷойи кор) дар сурати мувофиқат намудани равия ва самти ихтисос бо назардошти мавҷудияти фарқият дар ҳаҷми то 30 кредит ба курси 2-юми шуъбаҳои рӯзона ва ё ғоибонаи (фосилавӣ)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (ба ҷойҳои холии буҷавӣ ва шартномавӣ) тариқи озмун қабул карда мешаванд.

10.Шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии равияи тиббиро хатм кардаанд, танҳо бо иҷозати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисосҳои биология ва химияи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти мавҷудияти фарқият дар ҳаҷми то 30 кредит тариқи суҳбат тибқи талаботи Қоидаҳои қабули мазкур қабул карда мешаванд.

11.Шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро аз рӯи ихтисосҳои омӯзгорӣ хатм намудаанд ва зиёда аз панҷ сол собиқаи кори омӯзгорӣ доранд, ба курси 2-юми шуъбаи ғоибонаи (фосилавӣ)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (соҳаи омӯзгорӣ) аз рӯи натиҷаи суҳбат қабул карда мешаванд.

12.Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои довталабон ба комиссияи қабул аз 01 июл то 10 август ва муҳлати гузаронидани суҳбат (озмун) бо довталабон аз 11 то 20 август муқаррар карда мешавад.

13.Ҳуҷҷатҳое, ки довталабон ба комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод менамоянд:

-ариза ба номи ректор (директор);

-ҳуҷҷат дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ намунаи давлатӣ- асл (маълумотнома дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ қабул карда намешавад).

-маълумотномаи тиббӣ (шакли № 038)

-6 адад сурат (андозаи 3х4 см);

-шиноснома;

-билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи ҳарбии даъватшаванда;

-ҳангоми будани собиқаи корӣ нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ.

14.Довталабоне, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи касбиро дар хориҷи кишвар хатм кардаанд, баъди баробарарзишии ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот ва муайян шудани дараҷаи сатҳи таҳсилот метавонанд ба комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуҷҷат пешниҳод намоянд.

15.Довталабоне, ки дар рӯзи муайяншудаи комиссияи суҳбат (озмун) бесабаб ҳозир нашудаанд, аз суҳбат (озмун) нагузашта ҳисобида мешаванд.

16.Дар давраи гузаронидани суҳбат (озмун)-и қабул бо фармоиши ректор (директор) комиссияи апеллятсионӣ таъсис ёфта, раиси он таъин карда мешавад. Дар вақти набудани раис ваколатҳои ӯ ба уҳдаи муовини раис гузошта мешавад. Ба ҳайати комиссияи апеллятсионӣ чун қоида ба сифати экспертҳои бетараф омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷалб карда мешаванд.

17. Аз рӯи натиҷаҳои имтиҳони дохилшавӣ довталаб ҳуқуқ дорад, ки оид ба натиҷаи баҳои дар суҳбат (озмун) гирифтааш ба комиссияи апеллятсионии назди муассисаи таълимӣ ба таври хаттӣ дар муҳлати то 3 рӯз мурочиат намояд. Баррасии апеллятсия аз нав аз суҳбат (озмун) гузаштан набуда, танҳо санҷиши дурустии баҳои суҳбат (озмун)-и дохилшавӣ мебошад.

Баъди баррасии апеллятсия қарори комиссияи апеллятсионӣ оид ба баҳои суҳбат (озмун) қабул карда мешавад. Дар мавриди ба миён омадани зарурати тағйир додани баҳо бо қарори комиссияи апеллятсионӣ дар протоколи суҳбат тағйирот ворид карда мешавад.

18. Натиҷаи суҳбат дар протоколи махсус қайд карда мешавад (нусхаи протокол замима мегардад).

19. Ҳаҷми маблағи таҳсил барои таълими шартномавӣ дар асоси қарори Шӯрои олимон муайян ва бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва дар Қоидаҳои қабули муассисаи таълимӣ дарҷ мегардад. Довталабони гурӯҳҳои шартномавӣ баъди аз суҳбат (озмун) гузаштан, фақат дар сурати пардохт намудани маблағи таҳсил тибқи талаботи қарордод ба муассисаи таълимӣ қабул карда мешаванд.

20. Назорат аз болои фаъолияти комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф ба амал бароварда мешавад.

21.Риоя ва иҷрои Қоидаҳои қабули мазкур барои ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ ҳатмӣ мебошад.

22. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи фаъолияти кори комиссияи қабул то 20 сентябри соли 2020 маълумоти муфассал пешниҳод менамояд.

23.Фармоиши ректор (директор) оид ба қабули донишҷӯён (рӯзона ва фосилавӣ) ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ то оғози соли таҳсил аз тарафи ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба имзо мерасад.

24.Назорат аз болои фаъолияти комиссияи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ба амал бароварда мешавад.

25.Таъмин, риоя ва иҷрои Қоидаҳои қабул барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ ҳатмӣ мебошад.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲРИИ ТОҶИКИСТОН

**ПРОТОКОЛИ №_____(рт/сол)**

*оиди гузаронидани суҳбат барои идомаи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ*

Бо довталаб ______________________________________________

(ному насаб)

дар таърихи «_____» ___________соли 20___ дар комиссияи қабули
_____________________________________________________________

(номи муассисаи таълимӣ)

суҳбат баргузор гардид.

Ба комиссияи қабул тибқи "Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли таҳсили 2020-2021" ҳуҷҷатҳои зарурӣ пешниҳод шудаанд.

Аз он ҷумла:

1. Диплом (№_______________) дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ______________________________________________ бо ихтисоси_____________________________________________________
_____________________________________________________________

2. Ба довталаб саволҳо аз рӯи ихтисос ва фанҳои тахассусӣ дода шуд (саволҳо бо ҷавобҳояш ҳатман замима гардад)

**Комиссияи қабул аз рӯи натиҷаи озмун чунин хулоса баровард:**

1. Сатҳи дониши довталаб дар асоси саволу ҷавоб__________________
__________________________________________ ҳисобида шуда

(қаноатбахш, ғайриқаноатбахш)

ба сафи донишҷӯёни курси 2-юми, шӯъбаи рӯзона (фосилавӣ (ғоибона)-и шакли таҳсили ________________________________________

(буҷавӣ, шартномавӣ)

ихтисоси_________________________________________қабул карда шавад.

Раиси комиссияи озмун ______________________

Аъзоёни комиссияи озмун ______________________

______________________

______________________